# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). Душанбе, 2025**

Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, дар радифи рушди илму техника ва технология, рӯз то рӯз ниёз ба тарҷумонони касбӣ афзун мегардад. Дар шароити тавсеаёбии ҳамкориҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар масъалаҳо омода намудаи тарҷумонҳои касбӣ ва донандагони забонҳои хориҷӣ яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур низ ба «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» бахшида шуда, дар шароити кунунӣ мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавии асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей мебошад. Дар рафти таҳқиқ корбурди таҳвилоти тарҷумавӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, таъсири он ба матни тарҷума нишон дода шудааст.

**Объекти таҳқиқотро** ҷумлаҳои сода ва мураккаби забони англисӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки аз асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей ҷамъоварӣ шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии аз диссертатсия бадастомада дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ метавонанд ҳамчун роҳнамои илмӣ хизмат намоянд. Натиҷаҳои диссертатсия ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои назариявию амалӣ доир ба тарҷумашиносӣ, тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои илмӣ оид ба тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ метавонанд корбурд шаванд.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода шудааст ва, бо ин васила, роҳу

воситаҳои истифодаи таҳвилоти тарҷумавӣ дар раванди тарҷума, хусусан, тарҷумаи бадеӣ муайян карда шудааст.

Вобаста ба диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 168 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тибқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шуда, муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунад.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «**Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)**» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ва “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши КОА назди Президенти ҶТ аз 27.12.2024, №493)” ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Диловаров М.М.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, бинои 5, утоқи 301
Тел.: (+992) 918618793; E-mail: mdilovarm@mail.ru

Имзои Диловаров М.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.
«_15_» _05_ соли 2025

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+99237) 231-02-01; E-mail: finansovyiinstitutrt@mail.ru